*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 103 (4523) | ҶУМЪА, 19 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





**19 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» кадрҳоеро, ки ба вазифаҳои пурмасъул дар мақомоти суд, прокуратура ва сохторҳои қудратии кишвар таъин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

# ТАЪИНОТИ КАДРӢ

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои қудратӣ кормандони ҷавону ботаҷриба ва корозмуда ба вазифаҳои масъулиятнок таъин шуданд.

Зимни мулоқот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон ва авзои минтақа, таъмини волоияти қонун, мубориза бар зидди ҳама гуна қонуншиканиҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ бо таҳлилу мисолҳо ибрози назар намуда, супоришҳои мушаххас доданд.

Сарвари давлат аз кадрҳои ҷавону болаёқат талаб намуданд, ки онҳо бо таҷрибаи андӯхта ва бо истифода аз шароити муосири таъминнамудаи Ҳукумати кишвар корро дар самти мубориза бо ҳама гуна қонуншиканиҳо пурзӯр намуда, ба кор бо ҳисси баланди масъулият муносибат карда, барои ҳалли мушкилоту монеаи пешрафти соҳаҳои вобастагардида қобилияти хуби ташкилотчигӣ нишон диҳанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таъмини адолати судӣ, баррасии шаффофу одилонаи парвандаҳо, мубориза бар зидди хариду фурӯши замин ва қонуншиканиҳо дар ин самт, таҳким ва ҳифзи сарҳади давлатӣ, мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, пешгирии қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ ёдовар шуда, таъкид намуданд, ки кадрҳои ҷавону болаёқат бо назардошти таҳдиду хатар ва ҷиноятҳои замони муосир пайваста омӯзанд ва бо истифода аз технологияи муосир сатҳи донишҳои тахассусиашонро баланд бардоранд.

Зимни суҳбат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарону масъулини сохторҳои мазкур оид ба бозомӯзии кадрҳо, интихобу ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳои ҷавон аз ҳисоби занону бонувон ва ҷавононе, ки донишҳои мукаммали замонавӣ дошта, ду ва ё зиёда забонҳои хориҷиро медонанд, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

«Поквиҷдонона, содиқона ва бо масъулияти баланд манфиатҳои миллату давлатро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузошта, бо дасту дили пок ба нафъи давлату миллат хизмат намоед», - иброз доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар анҷоми мулоқот

**www.president.tj**

**Нуқтаи назар**

**Шоҳиди он ҳастем, ки дар чанд соли охир бархе аз мамлакатҳои мусалмоннишин аз ҷониби баъзе давлатҳо ва доираҳои алоҳида ба майдони ҷанг ва намоиши қуввату тавоноӣ табдил ёфтаанд. Дар заминаи чунин «тадбирандешӣ» - ҳо аҳолии сайёра ба ибораи «Ислом ба зоти худ надорад айбе» камтаваҷҷуҳ шуда, муътақид мегарданд, ки «мусалмонон фоқамасту ҷандапӯш» ва ифротианд.**

# БАЪЗЕҲО ТЕРРОРИЗМ ВА ИСЛОМРО ТАВЪАМ МЕДОНАНД. ЧАРО?




Ҳаводиси солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки сиёсикунӣ ва ба терроризм рабти бевосита додани ислом ба Аврупо «кӯч баста», ба як маъракаи густурда табдил ёфтааст. Бегуфтугӯ, амалҳои террористие, ки дар шаҳрҳои бузурги Аврупо аз ҷониби террористони «исломӣ» ба вуқӯъ пайваст, ба таври бесобиқа ҳисси нафрату бадбинии ҷомеаи Аврупоро нисбат ба мусулмонон таҳрик бахшид.

Эътироф ва арҷгузорӣ бояд кард, бо ибрози он ки «террорист Ватан, миллат ва дин надорад», касе беҳтар аз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чеҳраи аслии террористро накушодаву аз мусулмонон ҳимоя накардааст.

Коршиносон дар заминаи таҳлили амиқу доманадор ба хулоса омадаанд, ки «қисмати аъзами нооромиҳо, нифоқу низоъ, террор ва табадуллоте, ки дар чанд соли охир дар кишварҳои мусулмонӣ сурат гирифтаанд, маҳз ба тафриқаандозиҳо миёни мусулмонон, истифодаи онҳо ҳамчун воситаи амалинамоии террор ва мухолифати мазҳабӣ рабт доранд». Агар амиқ мавзӯъро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, собит мешавад, ки мавриди назари кишварҳои абарқудрат маҳз кишварҳои мусулмонӣ ва ашхоси пайрави дини ислом мебошанд. Мебояд сари он ҷиддӣ андешем, ки чаро чунин аст?

Дар навбати аввал зудбоварӣ ва побанди хурофот будани қисмате аз мардум омили асосии «ҳадафрас» шудани тасмимоти беруна шудааст. Яъне, қувваҳое, ки дар хориҷ аз кишвар тасмими роҳандозии амалҳои барояшон мувофиқу зарурӣ ва ҷавобгӯи манфиатҳояшонро гирифтаанд. Сонияи, шоҳиди бевоситаи он ҳастем, ки дар кишварҳои мусулмоннишин миёни аҳли тақво, уламои дин ва намозгузорон як навъ рақобати носолим, ки аз нотавонбинӣ ва ноогоҳӣ маншаъ гирифтааст, ҷараён дорад. Чунин ҳолат «табъи дил» - и манфиатбардорон буда, дар қиболи халқиятҳое, ки пайрави дини мубини ислом мебошанд, ҳамчун василаи самараноки таъсиррасонӣ васеъ истифода шуда истодааст. Ахиран, мо бояд дарк намоем, ки сатҳи маърифати сиёсӣ ва зиракии сиёсии шаҳрвандон дар ин ҷода нақши калидиро дорост. Агар мардум ин ҷанбаро мадди назар дошта бошанд, он гоҳ амнияти давлату миллат осебнопазир аст.

Мушоҳидаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки вақтҳои охир сатҳи дингароии бо хурофот омезишёфта дар мамлакат тамоюли афзоишро касб намудааст. Ин раванд аз зовияҳои гуногун, аз ҷумла муносибати намоишкорона ба намозгузорӣ, ирсоли паёмак ва коллажҳои барои ҷомеаи мо қобили қабулнабудаи ба дин рабтдошта аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра ҳувайдо аст.

Илова бар ин, баъзеҳо ҷудо будани иттиҳодияҳои диниро аз давлат ҳамчун тазод байни дунявият ва дин маънидод карда, масъаларо ба мардум нодуруст шарҳ медиҳанд ва чунин мешуморанд, ки гӯё давлат динро аз ҳаёти ҷомеа берун мекарда бошад. Дар натиҷа, баъзе шахсони сода ва зудбовар фирефтаи суханони дурӯғини нафарони тафриқаандоз ва ҷоҳталабу беимон мешаванд.

Омори аз ҷониби собиқ муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (ҳоло муовини вазир - сардори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи мамлакат) М. Умаров дар яке аз муҳокимаҳои парлумонӣ пешниҳодшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки аъзои гурӯҳу ҳаракатҳои экстремистию террористиро шаҳрвандони аз 17 то 40 - сола ташкил медиҳанд.

Ҷанбаи нигаронкунанда, ба андешаи номбурда, он аст, ки «дар баробари ҷангиёни алоҳида, шумораи зиёди оилаҳо дар Сурияву Ироқу Афғонистон қарор доранд ва пас аз кушта шудани саробонашон бесоҳиб монда, занҳо даст ба даст гашта, кӯдакон зери таъсири ташкилотҳои террористӣ қарор мегиранд». Ин аст, ки бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маротибаи дуюм аз чунин кишварҳо занону кӯдакон ба Ватан баргардонида шуданд.

Агар ба таърих назар афканем, пас муътақид хоҳем шуд, ки аксарият асосгузорони равияҳои динӣ сиёсати озмудашудаи «тақсим намову ҳукумат кун» - ро васеъ истифода мебурданду мебаранд. Табиист, ки дар ин ҳолат ҳар доираи манфиатдор мехоҳад ба хостаҳояш дастёб шавад. Онҳо кӯшиш менамоянд дар ин гуна кишварҳо бавуҷудории ихтилофи мазҳабӣ ва сармоягузорию дастгирии дингароёнро пайваста идома диҳанд. Инчунин, то ҳадди имкон аз ҷониби давлатҳои манфиатдор кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки онҳо дар доираи тафаккуроти динию мазҳабӣ боқӣ монанд. Зеро, агар донишҳои илмӣ рушд кунанд, тафаккури миллӣ боло гирифта, дар пайи он манофеи миллӣ ба вуҷуд меояд, ки ба манфиати доираҳои зикршуда нест.

Пас аз пош хӯрдани Давлати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол шудани кишварҳои тобеи он фазои озоди динӣ дар ин кишварҳо хеле паҳновар гардид. Зеро аксари мардум, ки дар бунбасти фазои динӣ қарор доштанд, бо орзуи дарёфти озодӣ ба дину диндорон рӯ оварданд. Дар ин замина, солҳои 90-уми қарни XX, ҳарчанд дар Тоҷикистон аҳзоби гуногун ва то андозае аз назари идеологӣ ба ҳам мухолиф ба вуҷуд омад, дар ин раванд ҳизби ба дин рабтдошта ҷойгоҳи хосро соҳиб шуд.

Сипас, бинобар пайдо шудани «зарурат» ҷараёнҳоеро, аз қабили «Ваҳҳобия», «Салафия», «Ҳизб-ут-таҳрир» ва даҳҳои дигарро ворид карданд, ки хушбахтона, ҳадафҳои онҳо ошкор ва фаъолияти аксарашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд.

Касе наметавонад инкор намояд, ки дар мамлакати мо баҳри такомули афкори динӣ ва суннатҳои ба он марбут дар чорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ муқаррарот пешбинӣ гардида, онҳо ба талаботи ҷомеа созгоранд. Дар ин раванд муҳим он аст, то шаҳрвандон дарк намоянд, ки агар имону эътиқод ба сиёсат омезиш дода шаванд, он гоҳ арзишҳои худро аз даст дода, ба василаи расидан ба қудрат табдил мешаванд, ки пайомадаш хуб нест.

Дар кишвари мо ба чунин гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ҷалб гардидани ҷавонон чанд сабаб дорад, ки асосиаш хурофотпарастӣ аст. Ба ғайр аз ин, паст рафтани сатҳу сифати чорабиниҳои фаҳмондадиҳиву тарбиявӣ, бетарафӣ зоҳир намудани қисме аз аҳли зиё ва истифодаи бемавқеи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ аз ҷониби насли ҷавон то андозае ба густариши ин раванд боис шудааст.

Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ зиёд мегӯянду менависанд, вале ин раванд дар баробари доштани паҳлуҳои мусбат боиси он мегардад, ки баъзе аз муҳоҷирон дар муҳити бегона зери таъсири гурӯҳу шабакаҳои ифротӣ қарор гирифта, ба созмонҳои террористӣ ҷалб шаванд.

Далелҳо аз он ҳокианд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти оқибати хатарҳои муосир аз соли 2006 инҷониб бо қарорҳои дахлдори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 17 ташкилоти экстремистӣ - террористӣ ғайриқонунӣ эълон ва манъ карда шудааст. Таассуфовар аст, ки тайи солҳои охир 22 сархатиби масҷидҳо бо ҷурми ҳамкорӣ бо ташкилотҳои террористӣ дастгир гардиданд, ки 12 нафари онҳо барои доштани робитаҳои зич бо ташкилоти террористии «Бародарони мусулмон», 9 нафар барои аъзо будан дар ташкилоти экстремистии «Салафия» ва 1 нафар барои узвият дар ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» айбдор даниста шудаанд.

Аз ин бармеояд, қисме аз толибилмоне, ки дар хориҷи кишвар таҳсилоти динӣ гирифтаанду ба ҳайси имомхатиб ва сархатиб дар масҷидҳои кишвар фаъолият мекунанд, сарфи назар аз тадбирандешиҳои сохторҳои зиддахл ба таври махфӣ бо ташкилотҳои ифротӣ ҳамкорӣ дошта, ақидаҳои тундрави онҳоро аз номи мазҳаби ҳанафӣ таблиғ менамоянд.

Бо назардошти далелҳои дар матлаб зикршуда, моро мебояд аз рӯйдодҳои охир хулосаи зарурӣ барорем, сатҳи худшиносиамонро такмил диҳем ва ба сиёсӣ намудани исломи ноб роҳ надиҳем.

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъин ва озод намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Каримӣ Акбаралӣ Раҷаб аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
2. Бегмуродзода Исломиддин Бегмурод аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон озод гардида, раиси Суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин карда шавад.
3. Сунатуллозода Умедҷон аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таъин карда шавад.
4. Ҳукуматзода Муҳаммад Мирзошо аз вазифаи муовини раиси Суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон таъин карда шавад.
5. Холдорзода Хусрав Зайнудин аз вазифаи судяи Суди вилояти Хатлон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон таъин карда шавад.
6. Ҳоҷизода Мирзошариф Мирзораҳмат аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд озод гардида, раиси Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд таъин карда шавад.
7. Зикирзода Лоиқ Хурсандқул аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд озод гардида, раиси Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таъин карда шавад.
8. Раҳимзода Зарина Абдухолиқ аз вазифаи муовини якуми раиси Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд озод гардида, раиси Суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд таъин карда шавад.
9. Қурбонзода Хуршеда Гулмат аз вазифаи судяи Суди вилояти Суғд озод гардида, раиси Суди ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд таъин карда шавад.
10. Аҳмадзода Қаҳрамон Тоҳирҷон аз вазифаи муовини якуми раиси Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд озод гардида, раиси Суди ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд таъин карда шавад.
11. Искандарзода Бахтиёр Мустафо аз вазифаи муовини раиси Суди ҳарбии гарнизони Душанбе озод гардида, раиси Суди иқтисодии вилояти Хатлон таъин карда шавад.
12. Ашурзода Нурулло Абдувосит аз вазифаи муовини раиси Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд озод гардида, судяи Суди вилояти Суғд таъин карда шавад.
13. Бурҳониён Маъруфҷон судяи Суди вилояти Суғд таъин карда шавад.
14. Ғанизода Фаррух Муҳаммадӣ аз вазифаи муовини раиси Суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд озод гардида, муовини якуми раиси Суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин карда шавад.
15. Нуруллозода Шаъмигул Сайвалӣ аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ озод гардида, муовини якуми раиси Суди ноҳияи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 августи соли 2022, № 428**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ озод намудани Мирзозода С. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мирзозода Сафаралӣ Раҳим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 августи соли 2022, № 429**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ таъин намудани Назарзода Т. К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Назарзода Турабек Камол муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 августи соли 2022, № 430**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ таъин намудани Назирзода С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Назирзода Сафаралӣ муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 августи соли 2022, № 431**

Роғун – арсаи нанг

# АНДАР СИТОИШИ КАФШЕРГАРОНИ НБО «РОҒУН»

**Ба иншооти аср нисбат додани НБО «Роғун» як ташбеҳи сода нест, балки ҳикматест, ки пайғоме аз кохи нур меорад. Чанде пеш бароям муяссар гардид, ки ҳамроҳи ҳампешаҳоям ба НБО «Роғун» сафар намоям.**

Ҳар қадаре ки ба иншоот наздик мешудем, ҳамон андоза ҳашамати он маро ба ҳаяҷон меовард. Ба нафароне, ки дар бунёди сохтмон саҳм мегиранд, аз самими дил аҳсан мехондам. Ҳамроҳонам, акаи Фарҳод, Некрӯз ва Муборакшоҳ, ки дар дохили ин нақбҳо ба гуфти худашон «калон шудаанд», аз чизе ҳарос надоштанд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки онҳо бо корҳои сохтмон аз наздик шиносанд ва дар бунёди ҳар нақб ҳузур доштаанду аз босифативу пойдории он бохабаранд. Дар ҳақиқат, Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои ҳар коргари он имтиҳони бузургест. Онҳо бо ҳисси баланди масъулият ҳар амалеро бо маҳорати хос иҷро мекарданд.



Шаҳомати иншоотро дида, қарор додам бо нафароне ошно шавам, ки дар НБО «Роғун» аз лаҳзаи аввал саҳм гузоштаанд. Роҳбаладон мегуфтанду ман ғарқи тамошои кори коргарон шудам. Чӣ қадаре ки бо корашон ошно мешудам, ҳамон андоза қаҳрамониашон дар назарам зиёдтар мешуд. Охир онҳо дили кӯҳро шикофта, роҳ кушодаанд, маҷрои обро дигар карда, ду агрегати иншоотро ба кор даровардаанд. Барои анҷоми ин кор на фақат пайваст кардани металлҳои гудохташуда, балки заҳмати зиёд сарф шудааст, ки дар паси он коргарони одии меҳнатдӯст истодаанд.

Шахсе бо шавқу шӯр ба пайваст кардани металлҳо машғул аст. Ӯ дар назар сарлашкареро мемонад, ки ба ҳар фарди навкор роҳнамою ёвар аст. Дасти якеро рост мекунад, кори нобасомони шахси дигарро ба охир мерасонад. Ба нафаре шӯхиомез мегӯяд, «бо металлҳо хушмуомила бошӣ, ба фармонат медароянд, ба ту итоат мекунанд».

Лаҳзае ғарқи тамошои ин манзара шудам. Коргарон бароям ҷанговаронеро мемонданд, ки дар ақибгоҳ омодагӣ мебинанду пасон ба ҷанг мераванд. Онҳо коргарони ширкати «Тоҷикгидроэлектромонтаж» (ТГЭМ) буданду ба васлу насби дарвозаҳои нақбҳо шуғл меварзиданд. Чун фаҳмидам, ки онҳо пас аз андаке ба дохили нақбҳо мераванд, фурсат ёфта, бо он фидоии кори хеш ҳамсуҳбат гашта, доир ба касбу шахсияташ пурсон шудам. Ин марди ҳунар Маҳмадалӣ Табархонов мебошад, ки 15 сол дар сохтмони НБО «Роғун» кор мекунад.

- Аз хурдӣ ба кафшергарӣ ҳавас доштам. Маҳз ба ҳамин хотир, пас аз хатми мактаби миёна тасмим гирифтам, ки роҳамро дар ин самт идома диҳам. Ба шуъбаи кафшергарии Омӯзишгоҳи техникӣ дохил шудам. Имрӯз кафшергарӣ бароям на танҳо шуғл, балки касби дӯстдошта аст, - гуфт М. Табархонов.

Ӯ пас аз хатми омӯзишгоҳ муддате ба ронандагӣ машғул шуда, соли 2006 дар Заводи алюминийи Ҷумҳурии Қазоқистон ба ҳайси кафшергар фаъолият намуд. Он ҷо як сол кор карда, соли 2007 баробари оғози корҳои сохтмонӣ дар НБО «Роғун» ба Ватан баргашт. Дар ин коргоҳ аввал ба ҳайси кафшергар кор намуда, соли 2017 саркор таъин шуд. Вай то ҳол ҳамчун мураббӣ дар ҷодаи кафшергарӣ фаъолият дорад.

Кафшергарӣ маҳоратест, ки аз сифати кори он сохтмони НБО «Роғун» зиёд вобаста аст. Бахусус, пойдории сохтмон ва бехатарии коргароне, ки дар ин иншоот кор мекунанд, натиҷаи маҳсули ин касб аст.

Маҳмадалӣ Табархонов аз интихоби касбаш розӣ буда, чунин гуфт:

- Корам ба ман писанд аст, хоҳиши самаранокtар кор кардан ва ҳосилнокии меҳнатамонро афзун мегардонад. Бо рушди технологияи нав сатҳи касби мо низ боло меравад. Вале ман, аз он ки металлҳоро бо дастони худ пайваст месозам, лаззат мебарам.

Боигарии асосӣ барои ҳар як инсон доштани саломатӣ аст. Бехатарӣ дар кори мо шарти аз ҳама муҳим ва аввалин аст. Барои аз шуо муҳофизат кардани чашм рӯйро бо сипар ва ё кулоҳи махсус мепӯшонем. Инҳо қоидаҳои ҳатмии кор мебошанд. Ҳарчанд вақтҳои охир, сарфи назар аз чораҳои эҳтиётӣ, эҳсос мекунам, ки чашмонам каме хаста шудаанд, аммо ин маро аз роҳам бознамедорад ва корамро бамаротиб хубтар иҷро мекунам. Хислате, ки дар ин касб лозим аст, ин матонату боварӣ ва пурсабрӣ бар он, ки шумо аз уҳдаи иҷрои кор мебароед.

Тавре қаҳрамони матлаб қайд намуд, се амале, ки онҳо дар касби худ доимо истифода мебаранд, якум, муносибати бошуурона ба кор, дуюм, маҳорат аст, ки он бевосита дар иҷрои кор ба даст меояд. Сеюм, дарки он, ки сохтмони иншооти бузурги аср НБО «Роғун» дар радифи дигарон ба сифати кори онҳо вобаста аст.

Кори кафшергарии сохтмони НБО «Роғун» дар ширкати ТГЭМ, ки на он қадар дуртар аз сохтмони нақбҳо ҷойгир аст, сурат мегирад. Баъдан, марҳилаи асосии кор дар дохили нақбҳои пӯшидаю торик иҷро мешавад. Онҳо бояд дарзро бенуқсон кафшер кунанд. Ҳар як хатоӣ, хунукназарӣ дар кор боиси оқибатҳои фалокатбор мегардад.

Қаҳрамони матлаб ба кафшергарон на танҳо нозукиҳои касбро меомӯзад, балки онҳоро бо қоидаҳои бехатарӣ ошно месозад. Ӯ пайваста таъкид менамояд, ки аввал аз ҷиҳати техникӣ худро муҳофизат намоянду пасон ба кор шурӯъ кунанд. Коргарон ҳангоми кор бо чеҳраи болида бо якдигар шӯхӣ карда, ба нафароне, ки таҷрибаи камтар доранд, ёрӣ мерасониданд. Боифтихор мегуфтанд, ки мо дар шароити гуногуни обу ҳаво баъзан то бевақтии шаб ё то пагоҳӣ кор мекунем. Барои мо ҳар рӯзи меҳнат, ҳар як қубури кафшершуда ғалабаи азим аст. Зеро ҳар як ибтикори бунёдкорон моҳиятан қадами устувор дар эъмори кохи нур маҳсуб мешавад.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**Душанбе - Роғун - Душанбе**

**САРГАҲ Ё САВОЛИ БЕҶАВОБ**

Издивоҷамонро нав як сол шуда бошад ҳам, азбаски ҳар моҳ нисфи даромади ману ҳамсарам ба иҷорапулӣ меравад, хаста шудаем.

Ӯ чандест, ки ҳар шаб мавзӯи харидани хонаро ба миён мегузорад. Бо ҳам баҳс мекунем, вариантҳои гуногунро ба миён мегузорем, вале тасмими ниҳоӣ гирифта наметавонем.

- Илоҷашро ёфтам, - боре хурсандона гуфт ҳамсарам баробари ба хона ворид шуданам.

- Чӣ будааст? - оромона пурсидам.

- Хонаи дуҳуҷрагӣ бо арзиши 300 ҳазор сомонӣ меёбем. Ҳавлиеро, ки дар деҳа ба номи шумост, тақрибан 100 ҳазор сомонӣ мефурӯшем ва боқимонда 200 ҳазор сомонии дигарро аз бонк қарзи манзил гирифта, соҳиби хона мешавем. Қарзро ба муддати даҳ сол мегирем.

- Хуб, ту ба фоизи солонаи қарзҳои ипотекӣ шинос шудӣ?

- Бале, аз 22 то 30 фоизи солона...

- Агар мо 200 ҳазор сомонӣ тақрибан бо 25 фоизи солона ба муддати даҳ сол қарз гирем, бояд ба ҷои 200 ҳазор сомонӣ 700 ҳазор сомонӣ ба бонк диҳем. Дар ҳоле ки даромади солонаи ҳардуямон 36 ҳазор сомонӣ аст.

- Пас, мо чӣ гуна соҳиби хона мешавем?

- Агар барои хонаи 300 ҳазор сомонӣ арзишдошта ҳар моҳ 1500 сомонӣ ҷамъ кунем, 16 солу 6 моҳ лозим аст.

- Пас ин мардуме, ки соҳиби хона шудаанд, 16 солу 6 моҳ пул ҷамъ карда бошанд?

- Рости гап намедонам. Ту беҳтараш дегатро хабар гир...

**АЗ АФЗОИШИ АҲОЛӢ ТО МУШКИЛИ ХОНАХАРӢ**

Тибқи иттилои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, то 1 апрели соли 2022 шумораи аҳолии доимии кишвар 9 млн. 934,4 ҳазор нафарро ташкил дод ва нимаи дуюми моҳи август ин рақам ба 10 млн. нафар расид.

Зимнан, дар миёни кишварҳои пасошӯравӣ Тоҷикистон аз лиҳози суръати афзоиши шумораи аҳолӣ пешсаф аст. Бино ба маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, дар давоми 30 сол шумораи аҳолии кишвар 76,6 фоиз зиёд шудааст.

Дар баробари афзоиш ёфтани аҳолии кишвар мушкили бехонагии сокинон зиёдтар мегардад. Ҳоло, тибқи иттилои сомонаҳои эълон, ки хариду фурӯши хонаҳо дар онҳо ба роҳ монда шудааст, дар Душанбе арзиши хона аз 200 ҳазор сомонӣ оғоз мешавад.

Тахминан дар пойтахт манзил чунин арзиш доранд:

- якҳуҷрагӣ аз 200 ҳазор сомонӣ боло;
- дуҳуҷрагӣ аз 270-300 ҳазор сомонӣ боло;
- сеҳуҷрагӣ аз 350 ҳазор сомонӣ боло;
- чорҳуҷрагӣ аз 400 ҳазор сомонӣ боло.

Чун маош ба ҷамъ кардану хона харидан намерасад, пас ба фикри баъзеҳо ягона роҳи соҳиби хона шудан аз бонк қарзи манзил гирифтан аст.

Онҳое, ки доир ба шарту фоизи қарзҳои манзилии бонкҳои кишвар огаҳӣ надоранд, фикрашонро бо он тақвият медиҳанд, ки иҷорапулияшонро ба қарзи бонк медиҳанд ва дар муддати муайян соҳиби хона мешаванд. Вале намедонанд, ки бо фоизи баланди бонкҳои кишвар ин кор ғайриимкон аст.




# ДОИР БА МАХСУСИЯТИ ИПОТЕКА ДАР КИШВАР

Профессор Шариф Раҳимзода сабаби шикаст ё муфлисшавии бонкҳоро дар тарзи нодурусти фаҳмиши қарзгирии мардум медонад:

- Яке аз сабабҳои шикасти бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон маҳз ҳамин қарзҳои ипотекӣ буд. Бонкҳо ба шахсони алоҳида дар асоси хонаҳои онҳо қарзҳои зиёд доданд, вале вақти баргардонидани қарзҳо ба мушкилӣ рӯ ба рӯ шуданд. Вобаста ба номукаммалии қонунгузорӣ ё ҷавобгӯи талабот набудани иҷрои муқаррароти қонунҳо бонкҳо натавонистанд моликияти таҳти гарав қарордоштаро сари вақт ба фурӯш бароварда, қарзҳоро баргардонанд. Мутобиқи фаҳмиши мо, қарзи аз ҳамсоя ва аз бонк гирифта фарқ доранд. Мо ҳаракат мекунем, ки қарзи ҳамсояро тезтар баргардонем, вале ҳама баҳонаро истифода мекунем то қарзи бонкро барнагардонем.

Мавриди зикр аст, ки чанде пеш дар бобати қарзҳои ипотекӣ роҳбари «Алиф Бонк» Абдулло Қурбонов дар саҳифаи «Facebook»-иаш навишт, ки ҳоло имкони пешниҳоди ин гуна қарзҳоро надоранд. Номбурда сабабро дар надоштани амонатгузороне, ки бо фоизи паст ва муҳлати зиёд маблағашонро дар бонк мемонанд, арзёбӣ кард.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии муносибатҳоро вобаста ба пайдоиш, амал ва қатъи ипотека танзим менамояд. Қонуни мазкур аз 11 бобу 57 модда иборат буда, паҳлуҳои ипотека дар кишварро танзим мекунад. Аз ҷумла, пайдоиш ва талаботи ипотека, уҳдадориҳои қарзгиранда ва гаравгиранда, тартиби бастани шартнома барои ипотека, бақайдгирии давлатии ипотека, суғуртаи молу мулки ба гарав гузошташуда, ҳуқуқҳои қарзгирандаву қарздеҳ, оқибатҳои вайрон кардани моддаю бандҳои қонун ва ғайраҳо.

Вобаста ба ин Шариф Раҳимзода аз сабукиҳое, ки қонунгузорӣ дар дигар давлатҳо ба шаҳрвандон, аз ҷумла оилаҳои ҷавон, додааст, чунин гуфт.

- Дар баъзе кишварҳо барои татбиқи барномаҳои алоҳида оид ба дастгирии оилаҳои ҷавон ва ғайра давлат метавонад пардохти қисме аз фоизҳои қарзро ба уҳда гирад. Масалан, дар Федератсияи Россия бо мақсади дастгирии оилаҳои ҷавоне, ки соҳиби ду ва зиёда аз он фарзанд мебошанд, барномаи «Ипотекаи оилавӣ»-ро қабул карданд, ки дар асоси он ба чунин оилаҳо қарзҳои ипотекӣ ба муҳлати то 30 сол ва 6 фоизи солона барои хариди манзили истиқоматӣ пешниҳод мегардад. Фарқи байни фоизи бонк ва фоизи ипотека аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷуброн мешавад.

Ҳоло дар кишвар «Амонатбонк», «Эсхата», «Аввалин бонки молиявии хурд», «Спитамен Бонк», «Арванд», «Ҳумо» ва «Тавҳидбонк» қарз барои манзил ё худ ипотека пешниҳод мекунанд.

Тибқи иттилои дастрас, шарт ва имконияти бонкҳои зикршуда қариб, ки якхеланд: қарз бо сомонӣ ва доллар дода мешавад, танҳо 70 фоиз арзиши манзилро пардохт мекунанд, муҳлати қарз то даҳ сол пешбинӣ шудааст, манзилро ба гарав мегиранд, аз 22 то 30 фоизи солона доранд ва бархе бонкҳо кафил, шахси сеюм, нафари 18-65-сола ва қайди доимии зист дар шаҳри Хуҷанд ё Душанберо талаб мекунанд.

**ИНТИЗОРИ САБУКИҲО**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» қарзҳои ипотекиро дар кишвар танзим мекунад, вале бо фоизи баланди он ҳеҷ таъсире расонида наметавонад.

Ба қавли Шариф Раҳимзода, сабаби дигари рушд накардани ин навъи қарздиҳӣ мавҷуд набудани низоми суғуртаи ипотекист. Яъне, гарави иловагии баргардонидани чунин қарзҳо вуҷуд надорад. Ҳол он ки ин низом дар кишварҳои дигар боиси кам шудани фоизи қарзҳо мегардад, зеро сатҳи хавфҳо коҳиш меёбад.

Вале ба ҳар ҳол, ҳазорон оила интизори сабукиҳо ҳастанд. Сабукиҳое ба намояндагони касбу кори гуногун ва қишрҳои ниёзманди ҷомеа бояд пешниҳод гардад, то ки мушкили бехонагӣ ва иҷора ба иҷора гаштани онҳо роҳи ҳалли худро ёбад.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

***P.S.*** *Қарзҳои манзилӣ аз бонкҳои «Амонатбонк», «Эсхата», «Аввалин бонки молиявии хурд», «Спитамен Бонк», «Арванд», «Ҳумо» ва» «Тавҳидбонк» дар инфографика.*

Нигаронӣ

# ЧАРО ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ҚАРОРҲОИ РАИСОНИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО БЕКОР МЕШАВАНД?

**Дар давоми шаш моҳи сипаригаштаи соли ҷорӣ аз тарафи мақомоти прокуратура нисбат ба 166 қарори раисони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бинобар ғайриқонунӣ будан эътироз оварда шудааст. Аз он қарорҳо 84 адад бекор ва 75 адади дигар ба қонун мутобиқ гардонида шуд.**

Ба иттилои раиси Кумитаи идораи замини вилояти Хатлон Диловар Пирзода бекоршавии қарорҳо дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб - 6 адад, Левакант - 3, Бохтар - 1, Қубодиён - 15, Хуросон -11, Панҷ - 10, Восеъ ва Фархор - 9, Шаҳритус - 5, Муъминобод - 4, Абдураҳмони Ҷомӣ -2 ва Ёвону Шамсиддини Шоҳин 2-ададӣ ба қайд гирифта шудааст.

Аксари қарорҳое, ки бекор гаштанд, ба замин вобаста буда, сабаб бемасъулиятии баъзе роҳбарон аст.

Тибқи маълумоте, ки аз Прокуратураи вилояти Хатлон дастрас гардид, дар самти назорати иҷрои қонунгузории замин аз натиҷаи 92 санҷиш барои бартарафсозии қонунвайронкуниҳо 1279 санади прокурорӣ бароварда, бо баррасии санадҳои эътиноии прокурорӣ 1839 нафар ба ҷавобгарии моддӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида шуданд. Инчунин, барои ғайриқонунӣ додани замин, худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва дигар ҷиноятҳо 290 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст. Бо санадҳои эътиноии прокурорӣ 3287 гектар замини худсарона ишғолшуда ва ғайриқонунӣ тақсимгашта ба ҳолати аввала баргардонида шудааст.

Мусаллам аст, ки баъд аз бекор гаштани қарорҳои ғайриқонунӣ қабулшуда, вобаста ба замин асосан шаҳрвандон зарар мебинанд. Чунки баъди бекор гаштан дар аксар ҳолат манзилҳои истиқоматии сохташуда вайрон карда мешаванд. Барои мисол, дар ноҳияи Шаҳритус аз сабаби ғайриқонунӣ ҷудо гаштани қитъаҳои замин хонаҳои чанде аз сокинон вайрон карда шуд.

Раиси ноҳияи Шаҳритус Ҷабборӣ Ғаффор перомуни ин масъала зимни нишасти матбуотӣ гуфт, манзилҳое, ки вайрон шуданд, худсарона аз тарафи шаҳрвандон бунёд шуда буданд. Аз ин лиҳоз, дар натиҷаи санҷиши комиссияи салоҳиятдор замине, ки худсарона ғасб шуда буданд, ба ҳолати аввала баргардонида шуданд.

Прокурори вилояти Хатлон Абдураҳим Раҳимзода гуфт, ки дар ҳар як мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ комиссияи дахлдор фаъолият мекунад ва онҳо парвандаи заминро пурра омода мекунанд. «Вазифаи онҳо дуруст омада кардани лоиҳаи қарор аст», - афзуд ӯ.

Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода низ зимни нишасти матбуотӣ, ки 28 июли соли ҷорӣ баргузор гардид, аз зиёд бекор гаштани қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят нигаронӣ кард. Дар вақти таҳияи лоиҳаи қарор аз муовини якум то дигар ниҳодҳои дахлдор вазифадоранд, ки дар чаҳорчӯбаи қонунҳои амалкунандаи кишвар амал намоянд.

- Дар ин кор айби шаҳрванд нест. Шаҳрванд маблағи зиёд хароҷот карда, хона бунёд мекунад. Баъд аз вайрон гаштани манзилҳои зист норозигӣ нисбат ба сиёсати пешгирифтаи имрӯзаи Ҳукумати мамлакат ба амал меояд. Масъулини мақомоти дахлдори шаҳру ноҳияҳо нисбат ба ин масъала вазифадор шудаанд ва бояд ба саҳлангорӣ роҳ надиҳанд, - гуфт раиси вилоят.

Мутаассифона, сол то сол бекоршавии қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон зам мешаваду кам не. Соли 2021 ба 400 қарор аз ҷониби прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят эътироз оварда шуда буд, ки 316 адади он ба масъалаи замин алоқаманд буданд. Беш аз 60 фоизи ин эътирозҳо ба қарорҳои раисони амалкунандаи шаҳру ноҳияҳо тааллуқ доштанд.

Масъулинро зарур аст, ки оид ба ин масъала назоратро ҷиддӣ ба роҳ монанд, зеро баъд аз бекор шудани қарор сокинон саргардон мешаванд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

Агар хомӯш биншинем, гуноҳ аст

# НОҚОБИЛОНИ ДАҲР БА МАҚСАД НАМЕРАСАНД

**Яке аз масъалаҳои доғи рӯз, ки ҷомеаи башариро ба ташвиш овардааст, тахрибкории ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ мебошад, зеро амалҳои харобиовари онҳо ба амнияти миллии кишварҳои олам хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Яъне, терроризму экстремизм ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои фалокатоварро ба бор оварда истодааст. Аз ин рӯ, таъмини сулҳу субот ва амнияти кишварҳо вазифаҳои калидӣ ва муҳимтарин ба хотири рушди устувор дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар даҳсолаи охир бо сабаби харобкориҳои ҳизбу ҳаракатҳои тундрав дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Ховари Миёна, аз ҷумла Сурияву Ироқ, Тунису Яман, Афғонистон ва мамолики дигар, садҳо ҳазор одами бегуноҳ ба ҳалокат расидаанд ва миллионҳо нафари дигар оворaву саргардон, тарки манзили зист ва ватан кардаанд.**

Ҳадафу мақсади асосии гурӯҳҳои тундраву ифротгаро ноором кардани давлатҳо ва куштани мардуми бегуноҳ мебошад. Ин ҳолат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта ба амал омад, ки хисороти зиёди моддиву маънавиро дар пай дошт ва ин кор бо дасти гурӯҳи ифротгарои ташкилоти террористии наҳзат, ки аз тарафи хоҷагони хориҷӣ дастгирӣ меёфт, амалӣ гардида буд. Ба Тоҷикистони азиз зарбаи ҷонкоҳе зада шуд, ки даҳшати он то ба имрӯз фаромӯш нашудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил (1 сентябри соли 2018) дар ин мавридд таъкид карданд: «Бо назардошти сабақҳои талхи солҳои 90-ум ман шаҳрвандони кишварро доимо ҳушдор медиҳам, ки ҳамеша ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва дар ғафлат намонанд. Зеро солҳои охир дар натиҷаи торафт густариш пайдо кардани фаъолияти гурӯҳу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ вазъи ҷаҳон ба дараҷае ҳассосу печида ва мураккабу пешгӯинашаванда гардидааст, ки ягон кишвар кафолати эмин мондану дар канор будан аз ин раванди хатарнокро надорад». Мавриди зикр аст, ки таи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, мардуми тоҷик баҳри боз ҳам вусъат бахшидани соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт садоқатмандона меҳнат мекунанд. Обрӯю нуфузи Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибихтиёр, демокративу дунявӣ ва ҳуқуқбунёд дар сатҳи байналмилалӣ боз ҳам баланд мегардад. Аз ҷумла, кулли давлатҳои ҷаҳон ташаббусу иқдомот ва пешниҳодҳои Тоҷикистонро дар мавриди ҳалли мушкилоти об дар сатҳи байналмилалӣ пазируфтаву ҷонибдорӣ менамоянд. Баргузории симпозиумҳои байналмилалӣ оид ба масоили об дар Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ далели ин гуфтаҳост. Омили дигари пешрафти Тоҷикистон бомаром ҷараён гирифтани корҳои ободонию созандагӣ дар иншооти аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун», ба истифода додани ду агрегати он ва дарояндаи наздик ба кишвари содиркунандаи неруи барқ табдил ёфтани мамлакат мебошад. Вале барои душманону хиёнаткорони миллат, аз ҷумла ташкилоти террористии наҳзат ва пайравони он, ҳамаи ин дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хорест бар чашм. Онҳо аз хориҷи кишвар таҳти ҳимояи хоҷагони хориҷӣ амалҳои ноҷавонмардонаро ҷиҳати иғво андохтан тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ алорағми пешрафту дастовардҳои Тоҷикистон ҳанӯз ҳам идома дода истодаанд.

Душманони халқи тоҷик ва пайравони он, аз воқеаҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта ва моҳи сентябри соли 2015 бо сарварии собиқ муовини вазири мудофиаи ҷумҳурӣ, генерали хиёнаткор Ҳоҷӣ Ҳалим хулосаи даркорӣ набаровардаанд ва монанди каждуми зери бӯрё барои барангехтани низоъ ва ҳангомаҳои сиёсӣ кӯшиш доранд. Вале онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳадафҳои нопок ноил намешаванд. Ба қавли шоир:

*Ноқобилони даҳр ба мақсад*
*намерасанд,*
*Дунё ҳамеша дар талаби марди*
*қобил аст.*

Бояд донанд, ки Тоҷикистон дигар он кишвари бесуботу ноамни солҳои 90-уми асри гузашта нест. Тоҷикистон таи солҳои соҳибистиқлолӣ ба кишвари қудратманду тавоно табдил ёфта, сохторҳои низомии он ташаккулёфтаю мустаҳкам мебошад ва ҳеҷ неруи аҳриманӣ ба он зиён расонида наметавонад. Ваҳдат ва суботи миллӣ дар байни мардуми кишвар ончунон реша давондааст, ки роҳбарону аъзову думравони ташкилоти террористии наҳзат наметавонанд дигар ба кохи бегазанду муҳташами иттиҳоди мардуми тоҷик рахна ворид кунанд. Бояд дарк бикунанд, ки дигар миллати тоҷик фирефтаи ҷиноятҳои онҳо ва идеологияи дурӯғинашон, ки бар пояи ҷаҳлу таассуб ва қатлу куштору ваҳшоният асос ёфтааст, намешаванд.

Тамоми қишрҳои ҷомеа бо меҳнати софдилона паи ободкорию созандагӣ буда, аз сиёсати сулҳпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пуштибонӣ мекунанд.

**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА,**
**рӯзноманигор**

Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад





# САРҶАМЪӢ СОЗАНДАГИРО ТАВСЕА МЕБАХШАД

**16 августи соли ҷорӣ дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ таъмиру азнавсозии қитъаи роҳ, ки барои минтақа муҳим аст, бо иштироки раиси ноҳияи Восеъ Ҷамшед Шарифзода, масъули идораи таъмиру нигоҳдории роҳи ноҳия С. Саидзода ва шахсони ободкору ватандӯсти деҳа Азизулло Мирзозода, Искандари Носир, Саиди Қодир, Пири Носир, Субҳон Раҷаб, Шарифи Шарбат, раиси Ҷамоати деҳоти ба номи Мирзоалӣ Вайсов - Саидҷамол Латифов оғоз шуд.**

- Бо ибтикори сокинони деҳоти «Ғаллазор», «Сардиз», «Кушктеппа», дастгирии раиси ноҳияи Восеъ, сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ алҳол 100 ҳазор сомонӣ ҷамъ шуда, кор оғоз ёфт, - гуфт яке аз ташаббускорон, нависанда Садриддин Ҳасанзода.

Ба гуфти ӯ, ҳоло кор дар қитъаи Кадучӣ, инчунин километрҳои якум, дуюм ва сеюм идома дорад. Роҳбарони Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон Н. Хомушзода ва Н. Арабзода роҳсозонро бо булдозер, грейдер ва автомашинаҳои боркашонӣ таъмин карда, сифати корро назорат мекунанд.

Қитъаи мушкилтарини роҳ 5 км - аз деҳаи Кадучӣ то Ғаллазор ва аз деҳаи Сардиз то деҳаи Кушктеппаро дар бар мегирад. Тибқи пешбинӣ, барои ин иқдом зиёда аз 800 ҳазор сомонӣ лозим аст.

Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим низ ба роҳсозон 20 тонна мазут кумак намуд.

Дастандаркорон умед доранд, ки бо дастгирии мардум дар муддати кӯтоҳ роҳро ба истифода медиҳанд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

Таассурот

# ОСОИШИ РӮҲУ ҶОН ДАР ОСОИШГОҲИ «ХОҶА ОБИ ГАРМ»

**Осоишгоҳи «Хоҷа Оби Гарм», воқеъ дар ноҳияи Варзоб, на танҳо дар кишвар, балки дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ба монанди Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Россия, Беларус, Молдова ва дигар мамолики хориҷӣ низ машҳур аст.**

Дар он ҷо бемориҳои камхунӣ, безурётӣ, меъдаю рӯда, гурда, системаи асаб табобат мешаванд. Тавре иттилоъ гирифтем, дар ҳафт моҳи соли равон 12 ҳазору 40 нафар ба ин ҷо ташриф оварданд, ки нисбат ба соли гузашта 9313 кас зиёд мебошад. Аз ин шумора 202 шаҳрванди хориҷӣ аз нуҳ кишвари ҷаҳон, аз ҷумла, Федератсияи Россия 68 нафар, Ӯзбекистон - 105, Қазоқистон 75 нафар мебошанд. Дар ин давра аз шаҳри Душанбе 7808 нафар, ноҳияҳои тобеи марказ - 1896, вилояти Хатлон - 1895, Суғд - 174 ва ВМКБ 65 нафар барои табобату истироҳат омаданд.

Дар осоишгоҳ истироҳаткунандагон на танҳо табобат мегиранд, балки дар толори варзишӣ ба шоҳмоту нард, волейбол, баскетбол, футбол машғул шуда, рӯзномаю маҷаллаҳоро мутолиа менамоянд. Чанд нафар аз истироҳаткунандагон оид ба хизматрасонии осоишгоҳ арзи сипос карданд. Духтурон Туғрал Зуҳуров, Изатулло Дустов, Саидҷамол Рафиев, ҳамшираҳои тиббӣ Таманно Буриева, Меҳринисо Ҳайдарова бақайдгирандагони меҳмонон Фирӯз Салимов, Сироҷиддин Камолов ва пешхизмат Парвина Бекова рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро карда истодаанд. Роҳбарияти осоишгоҳ нақша доранд, ки то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бинои осоишгоҳро пурра навсозӣ намоянд.

Тавре роҳбари осоишгоҳ Маҳмад Камолзода иброз намуд, ба осоишгоҳ 4 асп дастрас шуд, то истироҳаткунандагон дар гирду атрофи осоишгоҳ сайругашт карда, аз табиати зебо лаззат баранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки солимии ҷомеа аз ҳар фарди кишвар вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, саломатии мардуми кишварро бояд ҳифз намоем. Мутмаин гардидем, ки дар ин самт аҳли осоишгоҳи зикршуда фаъоланд.

**Ҳокими САФАР, рӯзноманигор**

Аз ёдҳо, аз ёдҳо

# ҲИКМАТУ МОҲИЯТИ ЯК СОЯДАСТ



**Сурудҳои машҳури тоҷикӣ, ба монанди «Аз он лабон бӯса бидеҳ» - сароянда Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон Рена Ғолибова, «Эй шӯх аҳдат нашканӣ» - сарояндагон Артисти халқии РСС Тоҷикистон Зафар Нозимов ва Артисти халқии РСС Туркманистон Бобомурод Ҳамдамов, «Дили ёрам» - Артисти халқии СССР Пӯлод Булбул-оғлӣ ва Артисти халқии РСС Тоҷикистон Орифшо Орифов, «Дилрабо, кучоӣ, ёд кун ту моро!» - Артистони халқии РСС Ӯзбекистон Муҳаббат Шамаева ва Илёс Маллаев, «Навҳа мекашад чун ман» - Артисти шоистаи Тоҷикистон Дона Баҳромов, «Нозанин ёри ман» - сегонаи занон – Нуқра Раҳматова, Майсара Дилдорова ва Улфатмоҳ Мамаданбарова, «Аскарбача» - Ҳофизи халқии Тоҷикистон Нигина Рауфова, «Боқист» - Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон Майсара Дилдорова, «Санги мазорам» - Кароматуллоҳ Қурбонов ва дигарҳо на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар мамлакатҳои Шарқ низ машҳуранд.**

Бахусус, суруди машҳури «Аз он лабон бӯса бидеҳ» аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта хеле маъруф аст. Суруди мазкур бори нахуст соли 1958 дар саҳнаи Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар иҷрои сарояндаи хушовози тоҷик Рена Ғолибова садо дод:

**Эй нигори нозанин,**
**Як дам ба паҳлуям нишин.**
**Аз он лабон бӯса бидеҳ,**
**Дили маро ғусса мадеҳ.**

**Эй ёри ман,**
**Дилдори ман.**

Соли 1958 як гурӯҳ устодони санъати Тоҷикистон Акашариф Ҷӯраев, Рена Ғолибова, Аҳмад Бобоқулов, Туҳфа Фозилова, Абдулло Назриев, Барно Аҳмадова, Аъзам Камолов, Аъло Аълоев ва Ансамбли тарона ва рақси «Помир» бо роҳбарии Ғуломҳайдар Ғуломалиев ба Афғонистон сафари ҳунарӣ доштанд. Ин суруд он ҷо низ садо дод ва мардуми санъатдӯсти афғон сурудро хеле хуб пазироӣ карданд.

Роҳбарии гурӯҳро Меҳрубон Назаров ва Абдусалом Деҳотӣ ба уҳда доштанд.

Ба овозхони машҳури афғон устод Хаёл ин суруд маъқул шуд ва онро ба репертуари худ дохил намуд. Баъдтар ин сурудро сарояндаҳои машҳури Афғонистон Аҳмад Зоҳир, Сорбон, Рухшона, Афсона, Залонд ва дигарҳо иҷро карданд. Дар Тоҷикистон бошад, суруди «Аз он лабон бӯса бидеҳ»-ро қариб, ки аксари санъаткорон сароиданд.

Мутаассифона, на ҳама медонанд, ки муаллифи ин суруд ва дигар таронаҳои зикршуда шоири шинохтаи тоҷик устод Абдуллоҳ Қодирии Мумтоз мебошад.

Боиси ифтихори мо - тоҷикон аст, ки баробари дигар сарояндаҳои машҳури Афғонистон, булбули Машриқзамин Аҳмад Зоҳир низ аз эҷодиёти устод Қодирӣ сурудааст.

Устод Абдуллоҳ Қодирии Мумтоз ба саволи банда чунин ҷавоб дод:

- Бояд гӯям, ки Аҳмад Зоҳир ду сурудамро месароид. Яке «Аз он лабон бӯса бидеҳ» ва дувумӣ «Аввалин ишқам ту будӣ».

Ман таи солҳои 1963-1965 дар шаҳри Ашқободи Туркманистон чун афсар хизмати ҳарбиро ба ҷо меовардам. Санъаткорони афғон устод Хаёл, Залонд, Рухшона, сароянда Аввалмир, шоир Вола ва навозандаи чирадасти рубоби афғонӣ Муҳаммадумар соли 1964 бо барномаи консертӣ ба шаҳри Ашқобод омаданд. Ҳамдиёри мо Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон Алиризо Рамонқулов чун роҳбар, тарҷумон ва барандаи консерт онҳоро раҳнамоӣ мекард.





Хаёл, Залонд ва Рухшона маро пештар мешинохтанд. Ман дар консерташон иштирок доштам ва дар тан либоси ҳарбӣ пӯшида будам. Пас аз суҳбат бо онҳо донистам, ки суруди «Аз он лабон бӯса бидеҳ» дар байни мардуми афғон хеле машҳур аст.

Хонум Рухшона маро дар либоси ҳарбӣ дида, бо ҳайрат ба устод Хаёл гуфт:

- Бубинед, Қодирии шоир афсар шуда…

Чанд рӯзе, ки онҳо дар шаҳри Ашқобод буданд, ҳамроҳашон суҳбат доштам. Хонум Рухшона изҳор намуд, ки бо фурсати муносиб ба Тоҷикистон низ сафар хоҳанд кард ва аз ман телефони кор ё хонаро пурсид. Ман он солҳо дар хона телефон надоштам. Ӯ ҳайрон шуда: «Наход чунин як шоири волои суруднавис дар Иттифоқи Советӣ истиқомат карда, чизи одитарин - телефон надорад!

Оғои Залонд аз ман пурсид, ки шеър ё суруди нав эҷодкарда дорам? Ман ду суруди навамро рӯйнавис карда, ба вай додам. Яке «Аввалин ишқам ту будӣ» ва суруди дувум «Нури ду дида» буд.

Аҳмад Зоҳир тавассути Залонд ин сурудҳоро гирифта, ба оҳанг даровардааст. Вале тақдири суруди дувум – «Нури ду дида моро санҷида» норавшан аст. Ҳамин қадар медонам, ки ин ду сурудро Залонд месароид. Дар Тоҷикистон ин сурудро Иқболой Нозимова иҷро мекард.

**Нури ду дида,**
**Марав ранҷида,**
**Маро нодида.**
**Ба дил меҳри ту ҷо кардам,**
**азизам,**
**Ба ҷони худ ҷафо кардам,**
**азизам.**
**Муяссар чун нашуд**
**бар ман висолат,**
**Зи ҳиҷрат нолаҳо кардам,**
**азизам…**

Тақдири суруди якум – «Аввалин ишқам ту будӣ»-ро дӯстам Ғулом Ашӯр аз ноҳияи Ёвон ба ман нақл кард. Ӯ ҳамон солҳо дар Афғонистон чун тарҷумон кор карда, дар яке аз консертҳои Аҳмад Зоҳир иштирок дошт. Вақте ки баранда номи маро мегирад, Ғулом Ашӯр аз ҷо хеста, аз хурсандӣ қарсак мезанад.

Пас аз консерт Аҳмад Зоҳир аз барандаи консерт мепурсад, ки чаро он мард пеш аз оғози суруд қарсак зад.

Чун мефаҳмад, ки мард ҳамдиёри муаллифи суруд Абдуллоҳ Қодирӣ мебошад, пас аз консерт Ғулом Ашӯрро наздаш даъват карда мегӯяд:

- Устод Қодирӣ сиҳату саломат ҳастанд? Саломи пайғоми маро ба он кас расонед. Агар аз шеъру ғазалиёташ ба ман фиристонад, шод мешудам. Мехоҳам, ки минбаъд низ ба шеъру сурудҳои устод Қодирӣ оҳанг баста, сароям.

Баъди ин қиссаи Ғулом Ашӯр изҳор намудам, ки охир ман шеърҳоро ба Залонд дода будам.

Он солҳо мардуми тоҷик мухлиси Хаёл, Залонд, Ношинос ва Сорбон буданд. Аҳмад Зоҳир бошад, ба шоҳроҳи санъат нав қадам гузошта буд.

Дар бозгашт дӯстони афғонам суратҳояшонро бо соядаст ба ман тақдим карданд. Ҳам устод Хаёл, ҳам Залонд ва ҳам хонум Рухшона. Бо мурури солҳо суратҳои ёдгорӣ бо ҳар роҳ аз бойгониам берун шуданд. Танҳо сурати хонум Рухшона монд, ки дар пушти он бо ҳуруфоти форсӣ соядаст навиштааст:

**«Хотираи ҳаётамро барои Абдуллоҷон ба таври ёдгорӣ тақдим менамоям, то онро дида, маро фаромӯш накунад.**
**Бо эҳтиром**
**Ҳамидаи Мирварзии Рухшона».**

Устод Абдуллоҳ Қодирии Мумтоз 23 майи соли 2009 вафот карданд. Сурати Рухшона бо соядаст дар дасти ман монд. Фурсати муносибро меҷустам, ки аз ин хусус чизе нависам. Писари устод - Сиёвуш суратро бозпас нагирифт ва гуфт, ки шояд дар оянда аз ин хусус чизе нависед. Ҳамин тавр ҳам дар солгарди зодрӯзи устод Қодирӣ мавод бо сурат омода шуд.

Бигузор дар солгарди зодрӯзаш боз як нишонаи дӯстии эҷодкорони Тоҷикистону Афғонистон, баъди ним аср ҳам бошад, ба хонандагон - мухлисони шеъру суруд пешкаш гардад.

**Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»**

**ДАР СУРАТ: Абдуллоҳ Қодирии Мумтоз ва сурати ёдгории хонум Рухшона бо соядаст, соли 1964.**

Ҳифзи муҳити зист

# «ДАШТИҶУМ» МАҚБУЛИ САЙЁҲОН ХОҲАД ГАШТ, АГАР...

**Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати масоҳат нисбат ба дигар кишварҳо хурдтар бошад ҳам, аз ҷиҳати захираҳои об ва гуногунии олами ҳайвоноту набот от бой аст. Қариб нисфи ҳудуди кишвари моро баландиҳои зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ташкил медиҳад. Ҳарчанд масоҳати Тоҷикистон аз Туркманистон қариб 3,5 маротиба хурдтар бошад ҳам, дар ҷумҳурии мо рустаниҳои гулкунанда 2,5 маротиба бештар вомехӯранд.**

Дар мамлакат беш аз 5000 намуди рустаниҳои олӣ мерӯянд. Ҳанӯз дар замони шӯравӣ зиёда аз 400 намуд рустаниҳои шифобахши Тоҷикистон дар тибби мардумӣ ва тадқиқоти илмӣ истифода бурда мешуд. Аз рӯи маълумоти муҳаққиқон Г. Сапожников ва Х. Муҳаббатов, ҳар сол 20 тонна рустаниҳои шифобахши Тоҷикистон, ба монанди кокутӣ, чойкаҳак, настаран, газна, барги зуф, пудина ва ғайра дар саноати дорусозии Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди истифода қарор мегирифт.

Мувофиқи маълумоти олимони мазкур, дар ҷумҳурӣ зиёда аз 80 намуд ширхӯр, 365 намуди паранда, 49 намуди хазанда, 40 намуди моҳӣ, зиёда аз 10 ҳазор намуди ҳашарот ва ғайра зиндагӣ мекунанд. Бо мақсади ҳифзи олами набототу ҳайвонот дар давраи шӯравӣ дар ҷумҳурӣ 14 мамнӯъгоҳи давлатӣ таъсис дода шуда буд, ки яке аз онҳо «Даштиҷум» мебошад.

## САБАБҲОИ ТАЪСИСЁБИИ МАМНӮЪГОҲ

Аз соли 1961 як гурӯҳ олимони Шуъбаи ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ (ООПИПР) - и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) бо мақсади омӯзиши тарзи зиндагӣ ва роҳҳои афзункунии бузи пармашох (морхӯр), ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ рӯ ба нестшавӣ оварда буд, дар мавзеи Даштиҷуми собиқ ноҳияи Ленинград (ҳоло Шамсиддин Шоҳин) корҳои тадқиқотиро оғоз намуданд.

Ибтидои солҳои 80- уми асри гузашта муҳаққиқи Институти зоология ва паразитологияи Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), номзади илмҳои зоология Искандар Икромов дар мавзеи мазкур корҳои илмӣ - тадқиқотӣ бурда, муайян намуд, ки саршумори бузи пармашох (морхӯр), гӯсфанди бухороӣ (уриал), хирси тиёншонӣ, бабри барфӣ (озодапаланг) ва дигар ҳайвоноти ин минтақаи ҷанубии кишвар рӯ ба камшавӣ овардааст. Олим пешниҳод намуд, ки бо мақсади ҳифзи ҳайвоноту рустаниҳои нодири минтақа дар қисмати ғарбии мавзеи Даштиҷум мамнӯъгоҳи давлатӣ таъсис дода шавад. Хулосаи олими тоҷикро Шуъбаи ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои табиии Академияи илмҳо (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ва Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҷонибдорӣ намуда, пешниҳодро ба Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ ирсол намуданд. 7 сентябри соли 1983 бо Қарори Шӯрои Вазирони собиқ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (№273) бо мақсади муҳофизат ва нигоҳубини олами набототу ҳайвоноти нодир Мамнӯъгоҳи табиии давлатии «Даштиҷум» таъсис ёфт, ки масоҳати он 19 ҳазору 700 гектарро дар бар мегирад.

Мутахассис оид ба илми мамнӯъгоҳ Мамадшо Қодиров, ки аз оғози таъсиси он фаъолият дорад, иброз намуд, ки дар оғози фаъолияти мамнӯъгоҳ саршумори бузи пармашох 60 сарро ташкил медод. Сипас, дар заминаи дастгирии молиявӣ, ҳавасмандкунии мутахассисон ва бурдани назорати қатъӣ саршумори бузи пармашох то соли 1991 ба 1100 сар расид.

Мутаассифона, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, бинобар зиёд шудани шахсони силоҳдор, назорати пурраи мамнӯъгоҳ душвор шуда, саршумори ин ҷонвари нодир рӯ ба камшавӣ овард.




- Пас аз барқароршавии сулҳу оромӣ бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғамхорӣ ба сарватҳои табиии кишвар бештар шуд. Натиҷаи чунин дастгирию таваҷҷуҳ ва ғамхориҳо буд, ки саршумори бузи пармашох дар мамнӯъгоҳ ба 811 сар расид, - гуфт Мамадшо Қодиров.

Дар машварате, ки аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Экосистемаҳои Мамнӯъгоҳи табиии давлатии «Даштиҷум» чанде пеш баргузор гардид, директори он Баҳодур Икромов чунин гуфт:

- Мамнӯъгоҳ дар минтақаи сарҳадии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар интиҳои ҷанубу ғарбии силсилакӯҳҳои Ҳазрати Шоҳ бо қисми ҷараёни рости дарёи Панҷ, аз тарафи рости соҳил дар баландии аз 700 то 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда, ҳудуди он аз шимол ба ҷануб 18 километр ва аз ғарб ба шарқ 25 километр тӯл кашидааст.

- «Даштиҷум» дар Осиёи Марказӣ ягона мамнӯъгоҳест, ки дар он дар ҷаҳон калонтарин намуди бузи пармашох, гӯсфанди кӯҳии бухороӣ (уриал), бабри барфӣ (озодапаланг, ирбис), намудҳои нодири олами набототот, аз қабили писта, зираи бухороӣ, бодоми Вавилов, олуи дарвозӣ, пиёзи кӯҳӣ, камол ва ғайра дучор мешаванд. Аз 233 намуди ҳайвоноти дар мамнӯъгоҳ мавҷудбуда 17 намуд, аз ҷумла кӯршапараки гӯшкалон, хирси малла, гурбаи туркистонӣ, бабри барфӣ, бузи пармашох, гӯсфанди кӯҳии бухороӣ, лаклаки сиёҳ, бургут, уқоби ришдор, уқоби морхӯр, лочин, мори кубро (кобра) ва ғайра ба «Китоби Сурх» - и Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд,- гуфт Баҳодур Икромов.

Қобили қайд аст, ки олами ҳайвоноти бесутунмуҳраи мамнӯъгоҳ низ хеле бой ва гуногун буда, дар он зиёда аз 3000 намуди ҳашарот вомехӯранд.

«Даштиҷум» ягона муассисаи илмӣ-тадқиқотии соҳаи ҳифзи муҳити зист дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон маҳсуб меёбад, ки вазифаи кормандонаш ба ғайр аз ҳифзи олами набототу ҳайвонот, инчунин тайёр намудани мутахассисони соҳа, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ ва муносибати ғамхоронаи онҳо ба олами ҳайвоноту набототи диёрамон мебошад.

## МАМНӮЪГОҲРО БОЯД БЕШТАР МУАРРИФӢ КАРД

Ҳоло дар ҷаҳон кам мавзеъҳое вомехӯранд, ки дар онҳо ҳайвоноти нодир, аз қабили морхӯр, уриал, бабри барфӣ, уқоби ришдор ва ғайра мавҷуд бошанд. Хушбахтона, ин ҷонварон дар Мамнӯъгоҳи табиии давлатии «Даштиҷум» вомехӯранд. Мамнӯъгоҳ беҳтарин мавзеъ барои саёҳати экологӣ (экотуризм) ва аккосии ҳаёти вуҳуш (фотоохота, wildlife photography) ба шумор меравад. Аз ин рӯ, барои рушди сайёҳӣ якчанд пешниҳод доштам:

Якум, барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ, пеш аз ҳама, иттилоот ва филмҳои кӯтоҳ ба забонҳои англисӣ, арабӣ, хитоӣ, испанӣ, олмонӣ ва ғайра зарур аст. Иттилооти мазкурро дар интернет ва ба шакли китобчаҳои ранга таҳия намуда, ба воситаи намояндагиҳои дипломатии кишварамон дар хориҷа паҳн бояд кард. Хароҷоти матолиби иттилоотӣ зимни афзудани ташрифи сайёҳон ба зудӣ ҷуброн хоҳад шуд.

Дуюм, роҳи самти мамнӯъгоҳро мумфарш бояд кард. Аз шаҳри Душанбе то мамнӯъгоҳ масофа 240 километр аст, вале бинобар харобии роҳ онро дар 5,5- 6 соат тай кардем. Алалхусус баъди баромадан аз ҳудуди ноҳияи Восеъ вазъи роҳ хеле хароб аст.

Сеюм, бо ҷалби аҳолии деҳоти дар наздикии роҳи мазкур маскунбуда, дар атрофи роҳ ниҳоли дарахтони тут, савда ва сӯзанбарг шинонидан лозим. Зеро тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, дарахти тут ба камобӣ тобовар буда, дар ҳифзи замин аз бодхӯрдашавӣ нақши муҳим мебозад. Инчунин, дар офтоби сӯзони тобистон мусофирону ронандагон зери сояи дарахт каме дам мегиранд.

Чорум, барои беҳтаршавии вазъи молиявии мамнӯъгоҳ ва ҳавасмандии кормандон фаъолияти хоҷагидориро дар он вусъат бояд дод. Аз ин амал ҳолати нигоҳубини ҷонварон низ беҳтар хоҳад шуд. Зеро чанд соли охир, бинобар тағйирёбии иқлим, баҳор кӯтоҳу камбориш омада, тобистон хеле гарм шуда истодааст. Агар ин раванд идома ёбад, эҳтимоли он мавҷуд аст, ки ҳайвоноти нодир ҷои зисташонро тағйир диҳанд.

Бо мақсади паст кардани оқибатҳои гармшавии иқлим дар мамнӯъгоҳ бештар ниҳоли дарахтони писта, чормағз, бодом, тут, олуболу, зардолу ва ғайра шинонидан лозим аст. Як қисми ин меваҷотро барои ҳавасмандии кормандон метавон ҷудо кард ва қисми боқимонда ғизои ҳайвоноту парандагон хоҳад шуд. Ҳоло дар мамнӯъгоҳ 15 ҳазору 20 гектар замини холӣ мавҷуд буда, имкони васеъ кардани майдони дарахтзор зиёд аст.

Дар ҷойҳои бо об таъмин метавон кишти юнучқаю гандуму ҷавро ба роҳ монд. Зеро бинобар кӯтоҳ будани фасли баҳор алафҳои табиӣ зуд хушк мешаванду ҳайвоноту парандагон тирамоҳу зимистон аз набудани хошоку дон азият мекашанд. Дар сурати мавҷуд будани захираи кофии дону хошок имкон пайдо мешавад, ки зимистон бо мақсади пешгирии талафёбӣ ба ҷонварон ғизои иловагӣ дода шавад.

Панҷум, хок ва иқлими мамнӯъгоҳ барои нашъунамои писта мувофиқ аст. Агар бо истифода аз дастгоҳи обёрикунандаи «Ватербокс» пистазор васеъ карда, як қисми он ба фурӯш гузошта шавад, аз ҳисоби даромад вазъи молиявии мамнӯъгоҳ беҳтар шуда, барои харидани техника, аз қабили нақлиёти кӯҳгард, мошини сӯхторхомӯшкунанда, таҷҳизоти офтобии баркдиҳанда ва ғайра имкон фароҳам меояд.

Шашум, дар мамнӯъгоҳ бо ҷалби асалпарварон оилаҳои занбӯри асалро зиёд бояд кард. Зеро занбӯри асал дар баробари истеҳсоли маҳсулоти қиматбаҳои давоӣ, инчунин гардолудкунандаи асосии гиёҳҳо ва буттаю дарахтон ба шумор меравад. Рушди занбӯриасалпарварӣ низ ба нафъи фаъолияти мамнӯъгоҳ хоҳад буд.

Ҳафтум, бо мақсади рушди сайёҳӣ дар назди мамнӯъгоҳ фурӯши маҳсулоти ҳунармандони деҳотро ба роҳ бояд монд. Ба ин восита сайёҳон чумчаю кафлез, табақҳои чӯбин, маҳсулоти дӯзандагӣ ва ғайраро харидорӣ хоҳанд кард.

Алҳол ҶДММ «Морхӯр» ба кормандони мамнӯъгоҳ сарулибоси корӣ ва сӯзишворӣ кумак мерасонад, ки шоистаи таҳсин аст. Агар сафи чунин ғамхорони табиати кишвар зиёд шавад, муаррифии сарватҳои мамлакат низ беҳтар хоҳад гашт.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 8 сентябри соли 2022 озмуни №8-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бино ва иншоотҳои филиали сехи ресандагию бофандагии ҶСП «Ресмон» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | вилояти Суғд, ш. Конибодом, шаҳраки Ниёзбек | масоҳати умумии 30275 м$^2$ аз ҳисоби филиал | истеҳсолӣ | 168000 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 2 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | вилояти Хатлон, н. Абдураҳмони Ҷомӣ, к. Сомониён, хонаи 54 | масоҳати қитъаи замин 1123 м$^2$, масоҳати бино 325 м$^2$ | манзили зист | 16800 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 3 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»» | вилояти Хатлон, н.Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷамоати деҳоти «Чубек», деҳаи Ҷойлобкамар | масоҳати қитъаи замин 905 м$^2$, масоҳати бино 104 м$^2$ | манзили зист | 12600 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 4 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | вилояти Суғд, ноҳияи Деваштич, деҳаи Янгиарики поён | масоҳати қитъаи замин 1500 м$^2$, масоҳати бино 428,8 м$^2$ | манзили зист | 16800 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 5 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 2000 м$^2$ аз ҳисоби назди бинои №13, ҳудуд ва таваққуфгоҳи мошинҳо | хизматрасонӣ ва савдо | 13500 | 1 сол |
| 6 | ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» | ш. Душанбе, к. Деҳлавӣ 4а | масоҳати умумии 126 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | хӯроки умумӣ | 10200 | 1 сол |
| 7 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | ш. Душанбе, кӯчаи И. Сомонӣ 59 | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои маъмурӣ | савдо | 8000 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди марказ | савдо | 6800 | 1 сол |
| 9 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | ш. Душанбе, к. Мушфиқӣ 77 | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи дуюми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 5288 | 1 сол |
| 10 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Шероз 26 | масоҳати 235 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди боғи «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | хизматрасонӣ | 36000 | 1 сол |
| 11 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | ш. Душанбе, к. Беҳзод 25 | масоҳати 125 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои ёрирасони муассиса | хизматрасонӣ | 15000 | 2 сол |
| 12 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | ш. Душанбе, к. Беҳзод 25 | масоҳати 240 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуд ва бинои ёрирасони муассиса | хӯроки умумӣ | 14400 | 3 сол |
| 13 | Коллеҷи техникӣ | ш. Душанбе, к. Айнӣ 41 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати умумии 41,8 м$^2$ | таълимӣ | 3630 | 3 сол |
| 14 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи назди бинои №9 | савдо | 11863 | 2 сол |
| 15 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 61 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои №6 | хизматрасонӣ | 13000 | 3 сол |
| 16 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 6/7 | утоқи кории №5 бо масоҳати 23 м$^2$ аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 9200 | 3 сол |
| 17 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 6/7 | анбори №27 бо масоҳати 216 м$^2$ аз ҳисоби бинои №40А | анбор | 51600 | 3 сол |
| 18 | Корхонаи воҳиди давлатии «Садаф» | ш. Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | масоҳати 360 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | истеҳсолӣ | 6500 | 3 сол |
| 19 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои чашм» | ш. Душанбе, к. Р. Набиев 238 | масоҳати 65,14 м$^2$ аз ҳисоби бинои марказ | хизматрасонӣ | 6500 | 3 сол |
| 20 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 30 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои №7 | савдо ва хизматрасонии тиббӣ | 13800 | 2 сол |
| 21 | Донишгоҳи давлатии Данғара | шаҳраки Данғара, к. Марказӣ 25 | масоҳати 9,86 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои №4-и донишгоҳ | савдо | 2400 | 3 сол |
| 22 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бинои №11 | савдо | 6600 | 3 сол |
| 23 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор» | ш. Ҳисор, ҷ/д Дурбат, д. Ҷавонон | масоҳати 48,40 м$^2$ аз ҳисоби бинои ошхона | хӯроки умумӣ | 3520 | 1 сол |
| 24 | КВД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 48 | масоҳати 73 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | хизматрасонӣ | 22550 | 1 сол |
| 25 | Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 125 | масоҳати 3,6 м$^2$ аз ҳисоби шуъбаи алоқаи №3 | хизматрасонӣ | 1320 | 1 сол |
| 26 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 69 | масоҳати 7,5 м$^2$ аз ҳисоби бинои ШБИ РБДА | хизматрасонӣ | 9588 | 1 сол |
| 27 | КВД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 48 | масоҳати 15 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | савдо | 7632 | 1 сол |
| 28 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | ш. Душанбе, к. Мушфиқӣ 77 | масоҳати 84 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 9060 | 1 сол |
| 29 | КВД «Савдои ҳарбӣ»-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Шоҳтемур 31 | масоҳати 115 м$^2$ аз ҳисоби бинои қисми ҳарбии 0123, воқеъ дар н.Рӯдакӣ | савдо | 20000 | 1 сол |
| 30 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/2 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Ваҳдат, шаҳраки Хиштгарон | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби муассисаи ислоҳии Яс 3/2 | савдо | 10000 | 1 сол |
| 31 | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, микроноҳияи 28, хонаи 2 | масоҳати 210,5 м$^2$ аз ҳисоби бинои раёсат | маъмурӣ | 41789 | 1 сол |
| 32 | КВ «Қитъаоти душанбегии роҳ»-и КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. Савдо 4-А | масоҳати 98,76 м$^2$ аз ҳисоби бинои ошхона | хӯроки умумӣ | 10864 | 1 сол |
| 33 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 31 | масоҳати 4 м$^2$ аз ҳисоби назди бинои маъмурии дуошёна | савдо | 4500 | 1 сол |
| 34 | Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе | ш. Душанбе, к. Шамсӣ 5/3 | масоҳати 212 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 4-уми бино | маъмурӣ | 28033 | 1 сол |
| 35 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди марказ | савдо | 3000 | 1 сол |
| 36 | Қисми ҳарбии 051055 фармондеҳии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Р. Набиев 290 | масоҳати 12 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои маъмурӣ | савдо | 3000 | 1 сол |
| 37 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к.Ҷ. Расулов 6/7 | утоқи кории №52 бо масоҳати 28 м$^2$ аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 10800 | 1 сол |
| 38 | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ.Икромӣ 29 | масоҳати умумии 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои маркази таълимӣ, воқеъ дар ш. Душанбе, к.Абай 2 | нонвойхона | 3720 | 1 сол |
| 39 | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Ҳисор | ш. Ҳисор, к. Ф. Абдуллоев 20, шаҳраки Ҳисор | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бино | савдо | 1150 | 2 сол |
| 40 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | масоҳати 24,5 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 9-уми бино | маъмурӣ | 5500 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.Ҷои баргузории озмун: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21. Тел 221-73-74, 221-33-66 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1. Тел: 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **$10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyadakvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

**Реабилитация 264 учреждений ПМСП**

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта « Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на реабилитацию учреждений ПМСП.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 15 – Реабилитация учреждений ПМСП (Рудаки – 5 объекта)**
**2. Пакет 16 – Реабилитация учреждений ПМСП (Файзобод – 4 объекта)**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с $9^{00}$ до $15^{00}$ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до $15^{00}$ 1 сентября 2022 года.

Министерство финансов Республики Таджикистан
ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе.
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj Тел: (37) 221-06-91.

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ЛОТ | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411004 | Кумитаи вилоятии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Хатлон | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 23.08.2022 11:40:10 |
| 2 | 410999 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ» | Таъмин ва насби системаи назорати дастрасӣ (СКУД) ва камераҳои назоратии бинои нави «Маркази коркарди маълумотҳо»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 17:20:00 |
| 3 | 411002 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои «Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ» дар ноҳияи Деваштич | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.08.2022 09:30:00 |
| 4 | 411005 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Масолеҳи сохтмонӣ ва ашёҳои сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 26.08.2022 11:45:30 |
| 5 | 411006 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Ангишт ва ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 26.08.2022 11:50:35 |
| 6 | 411003 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Дискҳои алмосӣ, матои баннерӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ҷӯйборҳои оҳану бетонӣ ва плитаҳои бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 26.08.2022 15:55:55 |
| 7 | 410998 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Сӯзишворӣ ва равғани веретёнӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 05.09.2022 16:30:00 |
| 8 | 410997 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ»-и шаҳри Душанбе | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 05.09.2022 16:40:00 |
| 9 | 411001 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алюминсохтмон» | Сӯзишворӣ ва тасмаи транспортёр | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 06.09.2022 12:00:00 |
| 10 | 411011 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 06.09.2022 14:00:00 |
| 11 | 411012 | Ташкилоти динии «Масҷиди ҷомеи марказӣ»-и шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагӣ, асбобҳои боғӣ ва дастӣ, нуриҳои органикӣ, тухмии алаф, филтрҳои коғазии чангкашак, дискҳои дурушт, хотираи флеш, картриджҳо ва матоъҳои махсус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 06.09.2022 14:30:00 |
| 12 | 411010 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Поруи органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 06.09.2022 14:44:44 |
| 13 | 411015 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Лифти мусофиркаш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 06.09.2022 14:45:00 |
| 14 | 411013 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ» | Барномаи зиддивирусӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 06.09.2022 15:00:00 |
| 15 | 411014 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе» | Молҳои хоҷагӣ, хӯрокворӣ, гипохлориди калсий ва оташхомӯшкунак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 06.09.2022 15:00:00 |
| 16 | 411008 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н. Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Тубак барои гулҳо ва тухми майса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 06.09.2022 15:25:25 |
| 17 | 411007 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н. Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 69 | 06.09.2022 16:26:26 |
| 18 | 411009 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н. Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Дискҳои алмосӣ, матои банерӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ҷӯйборҳои оҳану бетонӣ ва плитаҳои бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 06.09.2022 16:46:46 |
| 19 | 411016 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон | Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар дарёи Талхаки маркази ноҳияи Балҷувон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.09.2022 15:08:14 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ATTENTION TO THE UPCOMING SELECTION!

**Early Childhood Development to Build Tajikistan's Human Capital Project funded by the World Bank**

**Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan announces a competition for selection for the position:**

**INTERNATIONAL CONSULTANT ON THE FUNDING MECHANISM FOR PRESCHOOL FACILITIES**

The objective of the assignment is to support the MoES, MoF, and PIG in reviewing the existing per capita funding mechanism in preschool education facilities in Tajikistan and developing a new one to cover different types of preschool services including alternative models. The assignment will also cover the revision of the families' contribution mechanism.

**Qualification requirements**

- Higher education and postgraduate training in finance, economics, and education economics.
- Good knowledge of, and experience working in, the preschool/school financing mechanism in the post-Soviet countries
- More than 10 years of international experience in developing and implementing education financing reforms, including specific cases related to pay systems based on per capita funding principles.
- Similar assignments in post-Soviet countries will be an advantage;
- Excellent writing, analytical and interpersonal skills, ability to lead a team of professionals, and experience in developing materials followed by qualification training
- Excellent knowledge and skills with digital tools (EXCEL, statistical packages, databases); Good knowledge of the English language. Knowledge of Russian is an advantage.

**To view the Terms of Reference, please follow the link below:**

https://docs.google.com/document/d/1bDKL7wzL9kShdMdrrwlJEF9mRNPZTUIM/edit?usp=sharing&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true

**Applicants must submit the following documents:**

- **Signed and dated cover letter in Russian or Tajik** should be submitted to Project Director Mr. Majidi Y.Kh. in the subject line of the cover letter, indicate the position for which the applicant is applying, and a brief justification of his/her qualifications for this position;
- Signed and dated CV in **English with contact information of two people who can give recommendations;**
- A copy of the diploma and other documents confirming the necessary qualifications;
- A copy of the certificate and recommendations, if any.

The deadline for submitting documents is September 2, 2022

**Documents must be submitted by e-mail to the following address:**

E-mail: jobs.info@ecdp.tj
Phone: (+992 37) 221 06 91
Chief Procurement Specialist **Muso Sayfulloev**
Additional information can be obtained at the above contact.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Ш - 1028-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2015 бо суроғаи кӯчаи Гипрозем, бинои 30/5, ҳуҷраи 31 ба Шашаева Зулфия Шоназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории №29815 таҳти қайди 31086 аз 10 сентябри соли 1992, санад аз протоколи №43 аз 5 ноябри соли 1992, манзилнома оид ба ҳуқуқи гирифтани манзил дар шаҳр таҳти № 5767-и гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Матюшенко, бинои 2, ҳуҷраи 16, мутааллиқ ба Филиппова Надежда Дмитриевна, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи дӯзандагии гумшуда, ки онро Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2020 ба Назарова Фарангиз Нематуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории № 1402-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Варзоб соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа ба Сафарова Зарина Имомназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бо РЯМ 1210006591, РМА 120036322-и гумшуда, ки онро Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҶДММ «Диёр-А» додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0930689-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13 ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Шарипов Меҳроҷҷон Анварович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0522520 таҳти қайди Б - 19042-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Ҳисор соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо ба Алиев Абдухалил додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0630015091-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Роғун 17 январи соли 2014 ба Юнусова Маҳваш Хурсандовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бофанда, бинои 10, ҳуҷраи 11 ба Рахмонкулов Халим Амруллоевич додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 19 августи соли 2022, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Навбатдорони шумора
Т. Неккадамов ва Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров